5.8.2. [13.00.02] НАЗАРИЯ ВА МЕТОДИКАИ ОМӮЗИШУ ПАРВАРИШ
5.8.2. [13.00.02] ТЕОРИЯ И МЕТОДИКА ОБУЧЕНИЯ И ВОСПИТАНИЯ
5.8.2. [13.00.02] THEORY AND METHODS OF TEACHING AND UPBRINGING

***ТДУ 8Т.3***
***DOI:10.24412-2077-4990-2024-279-145-148***

# *САЛОҲИЯТИ ЛИНГВО-МЕТОДӢ ҲАМЧУН САЛОҲИЯТИ АСОСӢ ДАР СОХТОРИ САЛОҲИЯТИ КАСБИИ ОМӮЗГОРИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ*

***Тиллохоҷаева Муҳаббат Набиҷоновна,*** *н.и.ф.,дотсенти кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики МДТ "ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров" (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# *ЛИНГВО-МЕТОДИЧЕСКАЯ КОМПЕТЕНТНОСТЬ КАК ОСНОВНАЯ КОМПЕТЕНТНОСТЬ В СТРУКТУРЕ ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ КОМПЕТЕНТНОСТИ УЧИТЕЛЯ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА*

***Тилляходжаева Мухаббат Набиджоновна,*** *доцент кафедры методики преподавания таджикского языка и литературы ГОУ «ХГУ имени акад. Б.Гафурова» (Таджикистан, Худжанд)*

# *LINGUISTICO-METHODOLOGICAL COMPETENCE AS THE MAIN COMPETENCE IN THE STRUCTURE OF PROFESSIONAL COMPETENCE OF A TEACHER OF TAJIK*

***Tillokhojaeva Muhabbat Nabijonovna,*** *Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of the Department of Tajik Language and Literature and its Methods of Teaching, SEI "KhSU named after acad. B. Gafurov" (Tajikistan, Khujand),*
***E-mail:*** *tillo.1972@mail.ru*

***Калидвожаҳо:*** *забони тоҷикӣ, салоҳият, лингво-метод, методика, мафҳум, арзёбӣ, фаъолияти маърифатӣ*

*Дар мақола салоҳияти лингво-методии омӯзгори забони тоҷикӣ ҳамчун салоҳияти асосӣ дар сохтори салоҳияти касбии омӯзгор баррасӣ шудааст. Қайд шудааст, ки вижагиҳои салоҳияти касбии омӯзгори забони модариро салоҳияти лингво-методӣ ташкил менамояд, ки он қобилияти таълими забон буда, дар раванди таълим вазифаи мета-предметиро иҷро мекунад ва дар асоси системаи дониш дар бораи забон ва методологияи таълими он тавассути призмаи категорияҳои аксиологии фаъолияти педагогӣ ва огоҳии забон ҳамчун падидаи миллӣ ва фарҳангӣ баромад менамояд. Принсипҳои раванди таълимӣ ва маърифатии ташаккули салоҳияти лингво-методии омӯзгориояндаи забон нишон дода мешавад.Муаллифи мақола бар он ақида аст, ки муҳити таълими касбиро бояд чунон ташкил кард, ки барои шаклгирии салоҳияти лингво- методии донишҷӯ-муаллимиояндаи забон ва адабиёти тоҷик шароит фароҳам орад.*

***Ключевые слова****: таджикский язык, компетентность, лингво-метод, методика, концепция, оценка, познавательная деятельность*

*Рассматривается лингвометодическая компетентность как основная компетентность в структуре профессиональной компетентности учителя таджикского языка. Отмечается, что особенностями профессиональной компетентности учителя родного языка является лингвометодическая компетентность, которая представляет собой способность преподавать язык, выполняющую метапредметную функцию в образовательном процессе и опирающуюся на систему знаний о языке и методике его преподавания через призму аксиологических категорий в которой педагогическая деятельность и осознание языка предстают как национально-культурное явление. Показаны принципы учебно-познавательного процесса формирования лингвометодической компетентности будущего учителя-словесника. Автор считает, что среда профессионального образования должна быть организована таким образом, чтобы обеспечить условия для формирования лингвометодической компетентности студента – будущего учителя таджикского языка и литературы.*

***Key words:*** *Tajik language, competence, linguo-method, methodology, concept, assessment, cognitive activity*

*The article dwells on linguo-methodological competence as the main competence in the structure of professional competence of a teacher of the Tajik language. It is noted that the features of the professional competence of a teacher of the native language are linguo-methodological competence, which is the ability to teach a language, performing a meta-subject function in the educational process and based on a system of knowledge. about the language and methods of its teaching through the prism of axiological categories in which pedagogical activity and awareness of the language appear as a national-cultural phenomenon. The principles of the educational and cognitive process of forming linguo-methodological competence of*

*the future. language teacher. The author believes that the environment of professional education should be organized in such a way as to provide conditions for the formation of linguo-methodological competence of a student - a future teacher of the Tajik language and literature.*

Муайян кардани моҳияти салоҳияти лингво-методгии омӯзгори забони тоҷикӣ, пеш аз ҳама, тавассути таҳлили мафҳумҳои «асосҳои лингво-методӣ» ва «асосҳои лингво-методологӣ» имконпазир мегардад.

Дар усули ватании таълими забонҳо мафҳумҳои «лингводидактика» ва «лингво-методика» истифода мешаванд, ки аз солҳои ҳафтодуми асри гузашта мавриди истифодаанд. Дар методикаи таълими забони тоҷикӣ истилоҳи «лингводидактика» ҳамчун «назарияи умумии таълими забон» тафсир карда мешавад, ки вазифаи он «таҳияи методологияи таълими забон» мебошад [1,с.37].Муаллиф қайд менамояд, ки истилоҳи методологияи лингвистӣ бештар дар адабиёти лингводидактикӣ, дар методикаи таълими забон истифода мешавад. Возеҳан, мафҳумҳои «лингводидактика» ва «лингво-методология» мафҳумҳои шабеҳе мебошанд, ки аз нуқтаи назари истилоҳоти педагогӣ дар як самт ҷойгиранд ва бо вуҷуди ин, фарқ кардани соҳаҳои гуногуни илми таълими забонҳо ба маънои муайян анъана шудааст, ки мафҳуми «лингводидактика» ҳамчун усули таълим забон ба ҳайси забони хориҷӣ, усули лингвистӣ бошад, чун усули таълими забон ҳамчун забони модарӣ истифода мешавад.

Профессор В.В.Степанова қайд менамояд, ки дар таҳияи асосҳои лингво-методологии истифодаи матнҳо, пеш аз ҳама, интихоби мафҳумҳои лингвистие, ки барои муайян кардани мундариҷаи кор оид ба матн заруранд, дарки методологии онҳо муҳиманд [8, с.3].

Маънои мафҳуми «лингво-методологӣ» ба худи моҳияти фаъолияти омӯзгори забон дар раванди омӯзиши забон хос аст, аз интихоби маводи лингвистӣ то усулҳои оптималии азхудкунии он, ки самаранокии онро ӯ тавассути таҳлили сатҳи ташаккули намудҳои фаъолияти нутқи донишҷӯён арзёбӣ мекунад ва маънои онро дорад, ки босамарии таълими лингво – методӣ сатҳ ва сифату дараҷаи таълими забонии донишҷӯро муайян месозад. Профессор Т.Г.Рамзаева [7,с.4] бар он аст, ки категорияи лингво-методӣ раванд ва натиҷаи фаъолияти маърифатист, ки барои аз худ намудани асосҳои назарияи забон баҳри муошират, табодули андеша, рушди ақлӣ ва эстетикӣ равона шудааст ва ба ақидаи мо хусусиятҳои салоҳияти касбии омӯзгори забони модариро салоҳияти лингво-методӣ ташкил менамояд.

Салоҳияти лингво-методологӣ қобилияти таълими забон аст, ки дар раванди таълим вазифаи мета-предметиро иҷро мекунад, дар асоси системаи дониш дар бораи забон ва методологияи таълими он тавассути призмаи категорияҳои аксиологии фаъолияти педагогӣ ва огоҳии забон ҳамчун падидаи миллӣ ва фарҳангӣ баромад менамояд.

Принсипҳои раванди таълимӣ ва маърифатии ташаккули салоҳияти лингво-методии омӯзгори ояндаи забон аз инҳо иборатанд:

-бунёдӣ;

-мутобиқати иҷтимоӣ-фарҳангӣ;

-муносибати арзишӣ ба забон; огоҳӣ аз вазифаи забон;

-ҳамгироии байнисоҳавӣ;

-тамоюли касбӣ;

-самти амалӣ.

Принсипҳое, ки дар боло зикр гашт аз якдигар вобастагӣ дошта, онҳо бо ҳам таъсир мекунанд ва якдигарро такмил медиҳанд. Ин принсипҳо як система буда, дорои хусусияти ҳамоҳангӣ мебошанд ва системаи мазкур барои ташаккули салоҳияти лингво-методологии донишҷӯёни филолог, яъне муаллимони ояндаи забон ва адабиёт, ҳамчунин натиҷаҳои таълим саҳм мегузорад.

Тавре ки ба раванди таълимӣ ва маърифатии тайёрии касбии омӯзгори ояндаи забони модарӣ татбиқ карда мешавад, принсипи асосӣ, пеш аз ҳама, омӯзиши ҳамаҷонибаи фанҳои лингвистӣ ва методикаи таълими забон бо назардошти анъанаҳо ва дастовардҳои муосир пешбинӣ мекунад. Дигар ин, ки дарки фанҳои номбаршуда дар назарияи педагогӣ, ташаккули фарҳанги методологӣ ҳамчун фарҳанги тафаккури хоси соҳаи таълим, аз ҷумла, қобилияти ташкили раванди таълим, қобилияти дарк, таҳия ва ҳалли мушкилот меҳисобанд ва муваффақияти таълим ба он вобаста аст, ки ҳамаи намудҳои фаъолияти нутқ чӣ гуна ташаккул меёбанд. Бинобар он, ба андешаи методист Леонтев А. А. [5,с.47] метавон пайравӣ кард, ки ба пиндори ӯ вазифаи забон умумияти фаъолияти муаллими забонро муайян мекунад ва татбиқи ин принсип фароҳам овардани муҳити фаъоли нутқро дар бар мегирад, ки такмили ҳама

намудҳои фаъолияти нутқи донишҷӯйиро таъмин мекунад, ки ба асосҳои назарияи психологии фаъолияти инсон мувофиқат дорад.

Дар педагогикаи таҳсилоти олии касбӣ принсипи робитаҳои байнисоҳавӣ таъкид карда мешавад, ки мундариҷаи фанҳои таълимӣ бояд он муносибатҳои диалектикиро, ки дар табиат амал мекунанд ва аз ҷониби илмҳои муосир шинохта шудаанд, инъикос кунанд. Мо зарурати татбиқи ин принсипҳоро дар ҷараёни ташаккули салоҳияти лингвистии донишҷӯ-филолог дида баромада, қайд карданием, ки методисти ҳақиқӣ ҳамеша дар як вақт забоншиноси хуб аст ва ин имкон медиҳад, ки моҳияти салоҳияти лингво-методологӣ амиқтар дарк карда шавад.

Бояд муҳити таълимиро ҳамчун шароити ташкили таълими касбӣ муайян кунем, ки муаллими ояндаи забон ва адабиёт барои фароҳам овардани заминаҳо, барои ташаккули самаранокии салоҳияти лингво- методиаш кӯшиш ба харҷ диҳад ва тибқи ҳадафи муайяншуда ва хусусияти маводи омӯхташаванда барои ташаккули салоҳияти лингво-методии муаллими оянда мо омезиши методҳоро пешниҳод менамоем, ки дар дидактика он дар асоси хусусияти фаъолияти маърифатӣ муайян карда шудааст.

Методи пурмаҳсули дидактикии таълим, ки интихоби он вобаста ба хусусиятҳои фанҳои таълим асос меёбад, ин таҳлили лингво-методии матн маҳсуб мешавад, ки дар натиҷаи татбиқи ин метод зимни омӯзиши фанни методикаи таълими забони тоҷикӣ, фанҳои лингвистӣ дар донишҷӯён малакаи мувофиқи таҳлили лингво-методологии матнҳои аз ҷиҳати касбӣ муҳим ташаккул дода мешавад.

Якчанд зинаи таҳлили лингво-методии матнро ҷудо карда, ба таври зерин тасниф менамоем:

1) Матнҳое, ки дар китобҳои дарсии мактаб истифода мешаванд, ташаккули малакаҳои зеринро тақозо менамояд:

- аз матн падидаҳои лингвистиро барои дарки мавзуъ, барои барқарор намудани робитаҳои системавӣ байни воҳидҳои забон ҷудо кардан;
- савол ва супоришҳоро барои таҳлили падидаҳои забонӣ, рӯйнамоии забон ҳамчун система, ифодаи вазифаи эстетикии он таҳия кардан;
- вазифа ва супоришҳоро, ки барои ғанӣ гардонидани таркиби луғавии хонандагон, аз худ кардани сохтори грамматикӣ, инкишофи нутқи мураттаби донишҷӯён нигаронида шудаанд, таҳия кардан.

2) Таҳлили лингво-методии матнҳое, ки барои рушди касбият нигаронида шудаанд, аз ҷумла матнҳои барномаҳои таълимии забони тоҷикӣ, маводи дидактикӣ оид ба забони тоҷикӣ, ки китобҳои дарсиро пурра мекунанд:

- таҳлили лингвистии матн, ки барои муайян кардани сатҳи мувофиқати маводи забонӣ ба мактаббачагон пешниҳод карда мешавад, ба асосҳои илми забоншиносии муосир пешбинӣ шудааст;
- таҳлили методологии матн, ки усулҳои азхудкунии онро пешбинӣ мекунад ва ба ибораи дигар мувофиқат ба дастовардҳои муосири методикаи таълими забони тоҷикӣ дорад ва инчунин, сатҳи таҳлили лингво-методологии матнҳои забони ихтисос, яъне он матнҳое, ки дар китобҳои дарсӣ оид ба фанҳои омӯхташуда оварда шудаанд (мувофиқи методикаи таълими забони тоҷикӣ ва фанҳои забоншиносӣ – Т.М.), таъкид кардан ба маврид аст.

Да амал татбиқ намудани ин зинаҳо ба тайёрии касбии муаллими ояндаи забони тоҷикӣ ва ҳам методист барои системаи таҳсилоти миёна ва олӣ алоқаманд мебошад.

Ҳамин тавр, натиҷаи раванди педагогӣ ин салоҳияти лингво-методии донишҷӯ-филолог ҳамчун хусусияти ҷудонашавандаи фаъолияти касбии омӯзгори ояндаи забони модарӣ мебошад, ки омодагии ӯро барои ҳалли муассири масъалаҳои ҳирфавии соҳаи таълими забонии донишҷӯ дар асоси низоми дониш дар забони тоҷикӣ ва методикаи таълими он тавассути огоҳӣ аз вазифа ва мақоми он ҳамчун як падидаи милливу фарҳангӣ, ташаккули самтҳои арзишии омӯзгор ҳамчун шахсе, ки фарҳанги маънавӣ ва ахлоқӣ дорад, инъикос менамояд.

**АДАБИЁТ:**


1. Азимов, Э. Г. Словарь методических терминов (теория и практика преподавания языков) / Э. Г. Азимов, А. Н. Щукин. - СПб.: «Златоуст», 1999. - 472 с.
2. Аминов, С.А. Методика обучения текстообразованию на уроках таджикского языка в 8-9 классах. Дисс. к.п.н./С.А.Аминов.- Душанбе, 1995. - 134 с.
3. Арзёбӣ дар низоми таълими салоҳиятнокӣ (Дастур барои омӯзгор). Модули 4. Мураттибон: Ниёзов Ф., Алиев А., Нусратов Б., Ҷонмирзоев Э., Қодиров Н., Иргашева М., Зиёев Қ.- Душанбе, 2016.-65 с.

4. Илҳомов, М.И. Омӯзиши проблемаи ташаккули тафаккури эҷодӣ дар адабиёти равоншиносию педагогӣ [Матн] /М.И. Илҳомов// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, - 2016.-№3/5 (208).- С.148- 151.
5. Леонтьев, А. А. Принцип коммуникативности и психологические основы интенсификации обучения иностранным языкам / А. А. Леонтьев // Язык и культура в филологическом вузе. Актуальные проблемы изучения и преподавания: сборник научных трудов; ред.-сост. А. Н. Щукин. - М.: Гос. ИРЯ им. А. С. Пушкина; Филоматис, 2006. - С. 145-154.
6. Попков, В. А. Теория и практика высшего профессионального образования: учеб. пособие для системы дополнительного педагогического образования / В. А. Попков, А. В. Коржуев. - М.: Академический Проект, 2004. - 432 с.
7. Рамзаева, Т. Г. Лингвометодическая концепция развивающего начального языкового образования и её реализация в авторских учебниках «Русский язык» для 1-4 классов / Т. Г. Рамзаева // Актуальные аспекты формирования и совершенствования лингвометодической компетенции учителя 1-4 классов современной школы: сб. науч. статей по итогам Всероссийской научно-практической конференции (г. Санкт-Петербург, 14-15 марта 2007 г.). - СПб.: САГА, 2007. - С. 3-10.
8. Степанова, В. В. Лингвистические и методические проблемы работы над текстом при обучении русскому языку/В.В.Степанова// Лингвометоди- ческие основы работы над текстом при обучении русскому языку: межвуз. сб. науч. тр.; отв. ред. В. В. Степанова. - Л.: ЛГПИ, 1982. - С. 3-15.
9. Ҳакимова, Ш.И. Истифодаи таълими ҳамгиро дар мактаби олӣ// Масъалаҳои мубрами таълим дар замони муосир (Маводи конференсияи таълимӣ-методии ҷумҳуриявӣ бахшида ба Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (27-28-уми ноябри соли 2018). - Хуҷанд: Нури маърифат, 2018. - С.314-318.

**REFERENCES:**

1. Azimov, E. G. Dictionary of methodological terms (theory and practice of teaching languages) / E. G. Azimov, A. N. Shchukin. - St. Petersburg: "Zlatoust", 1999. - 472 p.
2. Aminov, S. A. Methods of teaching text formation in Tajik language lessons in grades 8-9. Diss. candidate of pedagogical sciences, Dushanbe, 1995. - 134 p.
3. Assessment in the competence education system (Guide for teachers). Module 4. Editors: Niyazov F., Aliyev A., Nusratov B., Jonmirzoev E., Kadirov N., Irgasheva M., Ziyoev K. - Dushanbe, 2016.-65 p.
4. Ilhomov, M.I. Study of the problem of formation of creative thinking in psychological and pedagogical literature [Text] / M.I. Ilhomov// Report of the National University of Tajikistan, - 2016. - No. 3/5 (208). - P. 148-151.
5. Leontiev, A. A. The principle of communicativeness and psychological foundations of intensifying the teaching of foreign languages / A. A. Leontiev // Language and culture in a philological university. Actual problems of studying and teaching: a collection of scientific papers; ed. and compiled by A. N. Shchukin. - M .: State IRYa im. A. S. Pushkin; Filomatis, 2006. - P. 145-154.
6. Popkov, V. A. Theory and practice of higher professional education: a textbook for the system of additional pedagogical education/V.A.Popkov,A.V. Korzhuev.-M.: Academichesky Proekt, 2004. - 432 p.
7. Ramzaeva, T. G. Lingvo-methodological concept of developing primary language education and its implementation in the author's textbooks "Russian language" for grades 1-4 / T. G. Ramzaeva // Current aspects of the formation and improvement of the lingvo-methodological competence of a teacher of grades 1-4 of a modern school: collection of scientific articles based on the results of the All-Russian scientific and practical conference (St. Petersburg, March 14-15, 2007). - SPb .: SAGA, 2007. - P. 3-10. 8. Stepanova, V. V. Linguistic and methodological problems of working on a text when teaching Russian / V. V. Stepanova // Lingvo-methodological foundations of working on a text when teaching Russian: inter-university. collection of scientific papers; ed. V. V. Stepanova. - L.: LGPI, 1982. - P. 3-15.
9. Hakimova, S.I. The use of integrated education in higher education // Critical issues of education in modern times (Materials of the republican educational-methodical conference dedicated to the Year of Tourism and Folk Crafts Development (November 27-28, 2018).- 314-318.